Бисмиллохир рахмонир рахим

Алхамду лиллох, вассалоту вассалому ало Расулиллох ва ало олихи ва сахбихи ачмаъин.

Аммо баъд...

Ширинтару гуворотарин чизи дунё



Молик ибни Динор (рахимахуллох) гуфтааст:

«Бечорахоянд ахли дунё! Аз ин дунё рафтанд, дар холе ки бузургтарин лаззат ва хуштарин чизеро, ки дар он буда начашиданд.».

Пурсиданд: “Он чист?”.

Гуфт: “Шинохтани Худои Таоло ва дӯст доштани Ӯ.”.

Яъне ахли дунё, касоне ки дар ин дунё тамоми умр зиндагӣ карданд, дар он хузур доштанд, сипас хангоме, ки мӯхлати будубош дар он ба охир расид рахти сафар бастанд. Дар давоми вучуди худ ва зиндагӣ дар ин дунё барои расидан ба бехтарин ва болаззаттарин чизхо ва гуворотарин ашё хамеша саъю талош намуданд, то онро ба даст оварданд ва бехтарин зиндагиро – ба гумони худ – сипарӣ намоянд. Гумон карданд, бехтарин ва лазизтарин чизе, ки дар дунё буда аз он пай бурдаанд, ва бо ин сурат аз дигарон дар ин мавзуъ як кадам пештар гузаштаанд. Вале ин бузургвор - Молик ибни Динор (рахимахуллох) – ин тасаввури иштибохи онхоро ислох намуда, фармудаас т, ки: На чунон аст, ки шумо гумон кардаед. Фахму дарки хакикӣ аз бузургтарин лаззати дунё чуноне нест, ки

шумо пиндоштаед, балки дигар чизе аст, ки бо сабабхое, шумо аз он дар гафлат мондед.

Пурсиданд: Он ширинтарин ва лазизтарин чизи ин дунё чӣ будааст:

Гуфтанд: Балки ширинтан ва гуворотарин чизе, ки инсон метавонист онро дар ин дунё ба даст оварад ин: Шинохт ва маърифати Аллох таъоло ва мухаббати Ӯ аст.

Яъне инсонхое, ки тамоми умри худро сарфи мол, маком ва лаззатхои рӯзгор карданд, мутаассифона аз ширинтарин лаззати ин дунё дар гафлат монданд, ки он лаззат шинохти Парвардигори оламиён ва мухаббати Ӯ таъоло будааст.

Зеро вакте дил ба ёду шинохти Аллох таъоло зинда шавад, дигар хеч лаззате дар баробари он кобили киёс нест.

Мухаббати Аллох таъоло бошад: Дӯст доштани Аллох таъоло аст бо тамоми вучуд.

Маърифат бе мухаббат хушк аст ва мухаббату дӯстдорӣ бе маърифати гумрохӣ меорад.

Пас хакикати зиндагии инсон дар шинохтани дурусти Аллох таъоло ва дӯст доштани Ӯ

таъоло аз самими калб мебошад.

Тааммулу андеша барои зиндагӣ:

Хӯшии вокеъӣ ва хакикӣ на дар доштан, балки дар донистан ва шинохтан аст – шинохти Аллохе, ки аслан молики дилхо Ӯст. Хар рӯз чанд лахзае бо худ хилвату танхой кун ва аз смими калб бигу:

“Илохо! Маро аз ахли маърифати худ карор дех, на факат аз ахли дунё”.

Суоле шояд пеш ояд, ки: Пас маърифати Аллох таъолоро чигуна фахмем?

Маърифати Аллох таъоло: Он дарк намудани банда аст Парвардигорашро ба калбаш, он дарк кардане, ки хашят (тарсе, ки омехта бо эхтиром бошад), мухаббат ва тоатро ба бор оварад.

Маърифат оне нест, ки танхо ба вучуд доштани Аллох таъоло илм дошта боши, балки он илме аст, ки бо хамрохияш таъзиму бузургдошт, ва дидани осори номхо ва сифатхои Ӯ таъоло аст дар нафс (яъне дар худаш) ва дар чахон.

Баъзе аз орифон гуфтаанд:

“Гояти (максади нихоии) илму дониш доштан ба Худованди мутаъол ин аст, ки бидони, ту Онро хамчуноне, ки хаст намедони, валекин ту Ӯ таъолоро бо оятхояш, афъолаш ва номхои зебо ва сифатхои баркамолаш мешиноси”.

Маърифати хакикӣ инсонро дигаргун месозад ва аз чизхоеро эчод мекунад, ки онхо осори маърифати хакикӣ шуморида мешаванд, мисли ин ки:

Маърифати хакикӣ имон росиху мустахкам, якину боварии содикона ва оромиш ёфтан бо Худованд дар хама хол, ба бор меоварад.

Ӯ Аллох таъолоро на дар китоб мучарради дониш, балки дар зиндагияш мебинад, дар хар неъмат, дар хар сахтӣ ва мусибатхо ва дар хар харакати калб мебинад.

Асли маърифати чист?

Маърифати Аллох таъоло ин дарк кардани калб аст ба вучуд доштани Аллох таъоло, ва ба камоли Ӯ ва номхои зебо ва сифатхои олияш, дарк кардане, ки имон, хашят (тарси бо эхтиром омехта), мухаббат ва тоат карданро ба бор оварад.

Пас хар касе Аллох таъолро шинох дӯсташ медорад, ва хар касе ӯро дӯст дошт, итоаташ мекунад ва хар касе ӯро итоат кард, хам дар дунё ва хам дар охират саодатманду хушбахт мешавад.

Дарачахои маърифат:

Олимон дар маърифати Аллох таъоло се дарачаро зикр намудаанд:

1.Маърифати икрор: Бидони Аллох он холик (офаридгор), розик (ризкдиханда), зинда гардонанда ва миронанда аст.

2.Маърифати имон: Калб ба ин якин намояд, то хадде ки харгиз дар он шакке надошта бошад.

3.Маърифати шухуд: Донистане, ки вакте Аллох таъолоро ибодат мекунӣ, гӯё Ӯро медида боши, агар онро намедихад бошӣ, Ӯ таъоло туро мебинад.

Осори маърифати Аллох таъоло:

Вакте маърифат холси шуд ин осорхоро дар худ хохи ёфт:

- Мухаббати Аллох таъоло ва хузуъу фурӯтанӣ дар баробари Ӯ.
- Сабр намудан дар балохо.
- Ризо будан ба такдироти Илохӣ.
- Оромиш ва итминон шудан.

- Зухду пархезгорӣ дар дунё намудан.

Дар охир дуо менамоем:

Аллохумма аррифно бика маърифатан тамлаъу кулубано нуран, ва тачъалуно минал мухиббинасодикин. Аллохуммачъал хуббака ахабба илайя мин нафсӣ ва ахлӣ ваддунё ва мо фихо.

Эй бори Илохо! Моро ба худ чунон маърифате ва шиносоие бибахш, ки калбхоямонро пур аз нур намояд ва моёнро аз дӯстдорандагони содику ростин бигардони. Эй бори Илохо! Мухаббататро дар дилам аз чонам, аз ахламу хонаводаам ва аз тамоми дунё ва ончӣ дар он хаст, бештар, азизтар ва махбубтар гардон. Омин.